# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич **«Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём»** унвон дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-адабии замони зиндагии Илё Абумозӣ, нақши адибони «Маҳҷар» ва Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи он дар густариши адабиёти араб, таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб, омӯзиши рубоиёти Умари Хайём дар кишварҳои арабӣ ва ғайра бахшида шудааст.

Робитаҳои адабии арабию тоҷикӣ таърихи дурудароз доранд, онҳо тӯли беш аз ҳазор сол вусъату густариш меёфтанд. Бо вуҷуди ин омӯзиши ҳадафмандонаи онҳо танҳо ним асри ахир ба роҳ монда шуд. Имрӯз мо тадқиқотҳои зиёдеро дар ин самт мебинем, ки муҳаққиқони тоҷик А. Абдусаттор, Т. Мардонӣ, Н. Зоҳидӣ, У. Ғаффорова, У. Юсуфӣ, Ф. Насриддинов, М. Раҷабова ва дигарон дар таҳқими робитаҳои адабии арабу тоҷик ҷойгоҳи махсус доранд.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик вобаста ба ин мавзуъ пажӯҳиши мукаммал ва монографӣ сурат нагирифтааст. Дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Умари Хайём таҳқиқи нахустин буда, он ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба фаъолияти Илё Абумозӣ фароҳам оварда шудааст.

Илова бар ин, дар диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи густурдаи таъсири рубоиёти Хайём ба эҷодиёти Илё Абумозӣ, омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодии Илё Абумозӣ аз бозёфтҳои муҳими диссертатсия ба шумор меравад.



Сканировано с CamScanner

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажуҳишии докторантро метавон дар таълифи минбаъдаи осори илмии доир ба робитаҳои адабӣ, дар таҳия ва нигориши китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷику араб, таърихи тарҷума, равобити адабии арабиву форсу тоҷик ва назарияи адабиёт ҷиҳати истифода тавсия кард.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 4 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашргардидаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати



Сканировано с CamScanner

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгонии илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи **«Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи **«Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём»** барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна** – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;



Сканировано с CamScanner

- **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

  Ба сифати муассиси пешбар «Институти забон ва адбиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ» пешниҳод мешавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Худойдодов А.О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, узви
шурои диссертатсионӣ — Шозиёева Г.П.

номзади илми филология,
мудири шуъбаи Шарқи Миёна
ва наздики Институти омӯзиши
масъалаҳои Осиё ва Аврупои АМИТ — Зиёев С.Н.

Имзои Г.П. Шозиёеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҳамидов Ш.Б.

Имзои С.Н. Зиёевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
Институти омӯзиши масъалаҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ — Зуҳуров А.

Имзои А.О. Худойдодовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба С. Айнӣ — Мустафозода А.

«09» 10 соли 2023

Сканировано с CamScanner